шаххас аз ҷониби аризадиҳанда ба тартибе анҷом дода мешавад, ки мақомоти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ризояти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст.

Маблағе, ки аризадиҳанда барои сертификатсияи ҳатмӣ ва аккредитатсия сарф кардааст, ба арзиши маҳсулот зам мегардад.

## ФАСЛИ III
## СЕРТИФИКАТСИЯИ ИХТИЁРӢ

### Моддаи 16. Сертификатсияи ихтиёрӣ

Маҳсулоте, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди сертификатсияи ҳатмӣ қарор намегирад, бо ташаббуси шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандон дар асоси қарордоди байни аризадиҳанда ва мақоми оид ба сертификатсия метавонад мавриди сертификатсияи ихтиёрӣ қарор гирад.

### Моддаи 17. Ташкили сертификатсияи ихтиёрӣ

Сертификатсияи ихтиёриро ҳар шахси ҳуқуқие, ки вазифаи мақоми сертификатсияи ихтиёриро ба ӯҳда гирифтааст ва дар мақомоти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқарраргардида системаи сертификатсияро аз қайд гузаронидааст, ҳақ дорад амалӣ намояд.

Дар сурати риояи шартҳои зикргардида сертификатсияи ихтиёриро мақомоти сертификатсияи ҳатмӣ низ ҳақ доранд анҷом диҳанд.

### Моддаи 18. Ҳуқуқи аризадиҳанда

Ҳангоми бастани қарордод барои гузаронидани сертификатсияи ихтиёрӣ аризадиҳанда ҳақ дорад аз мақоми оид ба сертификатсия дар хусуси қоидаҳои сертификатсияи маҳсулот маълумот гирад ва ҳамчунин шакли сертификатсияро муайян намояд.

## ФАСЛИ IV.
## ҶАВОБГАРӢ БАРОИ ВАЙРОН КАРДАНИ ҚОИДАҲОИ ҚОНУНИ МАЗКУР

### Моддаи 19. Ҷавобгарии ҷиноӣ, маъмурӣ ё гражданию ҳуқуқӣ

Ашхоси ҳуқуқӣ ва воқеӣ, инчунин мақомоти идораи давлатие, ки барои вайрон намудани қоидаҳои сертификатсияи ҳатмӣ гунаҳкоранд, мутобиқи қонунгузории ҷорӣ ба ҷавобгарии ҷиноӣ, маъмурӣ ва гражданию ҳуқуқӣ кашида мешаванд.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Э. РАҲМОНОВ**
*ш. Душанбе 13 декабри соли 1996 № 313*



*Замима*
*ба фармоиши Вазири нақлиёти*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*аз 26 июли 20 11 с. № 84*

**Системаи сертификатсияи мазкур дар Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (Тоҷикстандарт) аз 20 с. №. ба қайд гирифта шудааст.**

# "НИЗОМНОМАИ
# СИСТЕМАИ СЕРТИФИКАТСИЯИ МАҲСУЛОТ, КОР ВА ХИЗМАТРАСОНИҲО ДАР СОҲАИ НАҚЛИЁТ"

## Мундариҷа

I. Соҳаи истифодабарӣ
II. Мафҳумҳо
III. Муқаррароти умумӣ
IV. Мақсад ва қонуниятҳои асосии Системаи сертификатсияи маҳсулот, кор ва хизматрасониҳои соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон
V. Сохтори Системаи сертификатсияи маҳсулот, кор ва хизматрасониҳои соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон
VI. Тақсими ӯҳдадориҳо байни иштирокчиёни Системаи сертификатсияи маҳсулот, кор ва хизматрасониҳои соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон
VII. Тартиби гузаронидани сертификатсияи кор ва хизматрасонихои соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон
VIII. Назорати нозиротӣ ва санҷиш дар Системаи сертификатсияи маҳсулот, кор ва хизматрасониҳои соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон
IX. Тартиби боздошт ё қатъ намудани сертификати мутобиқат
X. Шикоятҳо
XI. Маблағгузорӣ

## I. Соҳаи истифодабарӣ

Ҳуҷҷати мазкур мақсад, асос, сохтор ва қоидаҳои асосии Системам сертификатсияи маҳсулот, кор ва хизматрасониҳои соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррар менамояд.

Ҳуҷҷати мазкур мутобиқи Конвенсия дар бораи авиатсияи граждании байналмилалӣ (ИКАО), Стандартҳои байналмилалӣ ва Тавсиябаҳои тавси-

яшавандае (Замима ба Конвенсия), ки дар Шурои Ташкилоти байналмилалии авиатсияи гражданӣ қабул гардидааст, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сертификатсияи маҳсулот ва хизматрасонӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи нақлиёт", Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 майи соли 2011 №250 тасдиқ гардидааст ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудааст.

Дар ҳуҷҷати мазкур Низомномаи дастурии ИСО/МЭК ва стандартҳои Аврупоӣ, ки масъалаҳои озмоиш, сертификатсия ва эътироф намуданро дар бар мегирад, татбиқ карда шудааст.

## II. Мафҳумҳо

Дар Низомнома мафҳумҳое, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сертификатсияи маҳсулот ва хизматрасонӣ", "Дар бораи нақлиёт", Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд, аз ҷумла мафҳумҳои иловагие, ки барои таъмини ҳамдигарфаҳмии иштироккунандагони Системаи сертификатсияи комплекси нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон заруранд, истифода мешаванд:

2.1. **Комплекси нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон** - мафҳуме, ки бахши авиатсия, автомобил, нақлиёти роҳи оҳан ва хоҷагии роҳро муттаҳид менамояд.

2.2.**Объектҳои сертификатсия дар Системаи сертификатсияи маҳсулот, кор ва хизматрасониҳои соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон** - хизматрасониҳо, мол, маҳсулот, шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, ки фаъолияти онҳо бевосита бо таъмини бехатарии истифодаи воситаи нақлиёт алоқаманд мебошад.

2.3. **Сертификатсияи объектҳо** - раванди тасдиқи мутобиқат, ки ба воситаи он, новобаста аз истеҳсолкунанда (таъминкунанда, иҷрокунанда) ва истеъмолкунандаи (харидори) корхо ва хизматрасониҳо, муассиса дар намуди хаттӣ шаҳодат медиҳад, ки объектҳо ба талаботи муқарраргардида мутобиқат менамоянд.

2.4. **Сертификати мутобиқат (минбаъд - сертификат)** - ҳуҷҷате, ки аз рӯи қоидаҳои Системаи сертификатсияи маҳсулот, кор ва хизматрасониҳои соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки он мутобиқати объектҳои сертификатсияшударо ба талаботи муқараргардида тасдиқ менамояд.

2.5. **Мақомоти марказӣ** - Вазорати наклиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки Системаи сертификатсияи маҳсулот, кор на хизматрасониҳои соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро роҳбарӣ менамояд.

2.6. **Мақомоти роҳбарикунандаи Системаи сертификатсияи маҳсулот, кор на хизматрасониҳо дар бахшҳои комплекси нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон** - мақомоте, ки Системаи сертификатсияро дар авиатсияи гражданӣ, нақлиёти роҳи оҳан, автомобилӣ ва хоҷагии роҳҳо роҳбарӣ менамояд,



2.7. **Маркази сертификатсияи маҳсулот, кор ва хизматрасониҳои соҳаи нақлиёт** - муассисае, ки бо супориши мақомоти роҳбарикунанда оид ба сертификатсия, баҳодиҳии мутобиқати объектҳо ба талаботи ҳуҷҷатҳои меъёриро мегузаронад.

2.8. **Озмоигоҳи (маркази) санҷишӣ**-озмоишгоҳ (марказ), ки санҷиши (намудҳои алоҳидаи санҷиши) маҳсулоти муайянро мегузаронад.

2.9. **Эътирофкунӣ** - раванде, ки ба воситаи он мақомоти эътирофкунанда расман салоҳияти озмоишгоҳи (маркази) санҷиширо барои иҷро намудани корҳои мушаххаси баҳодиҳии мутобиқат ё санҷиш эътироф менамоянд.

2.10. **Мақомоти нозиротӣ** - Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт.

2.11. **Санҷиши нозиротии объектҳо** - баҳодиҳии мутобиқати сертификатсияи объектҳо, корҳо, хизматрасониҳо ба талаботи муқарраргардида (гузошташуда).

2.12. **Назорати нозиротии объектҳои сертификатсияшуда** - баҳодиҳии назорати мутобиқат бо мақсади муайян намудани он амалӣ карда мешавад, ки объектҳо ба талаботи додашуда мутобиқат карда истодаанд.

2.13. **Маркази таълимӣ** - муассисае, ки омӯзишро дар соҳаи сертификатсияи объектҳо ва озмоиши маҳсулотро амалӣ менамояд, тибқи тартиби муқарраргардида эътироф карда шудааст.

2.14. **Эксперт оид ба сертификатсия** - шахси воқеие, ки раванди аттестатсияро барои ҳуқуқи гузароидаии як ё якчанд намуди корҳо (санҷишҳо) дар соҳаи сертификатсия гузаштааст.

2.15. **Аризадиҳанда** - соҳибкори инфиродӣ, шахси ҳуқуқӣ ё воқеие, ки бо ариза барои гузаронидани корҳо оиди тасдиқи мутобиқат, оиди эътирофкунӣ ё аттестатсиякунӣ муроҷиат менамояд,

## III. Муқаррароти умумӣ

3.1. Системаи сертификатсияи маҳсулот, кор на хизматрасониҳои соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Системаи сертификатсия) сертификатсияи ҳатмӣ на ихтиёрии маҳсулот, кор ва хизматрасониҳои шахсони вокеъӣ ва ҳуқуқие, ки фаъолияти тиҷоратиро дар бахши авиатсияи гражданӣ, нақлиёти роҳи оҳан ва автомобилӣ ва инчунин хоҷагии роҳҳо мегузаронанд, амалӣ менамояд.

3.2. Талабот барои гузаронидани сертификатсияи ҳатмӣ ва тартиби гузаронидани он, барои ҳамаи мақомоти ҳокимияти иҷроия, аз ҷумла шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмӣ мебошад.

3.3. Системаи сертификатсия бо Мақомоти маркази сертификатсия мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сертификатсияи маҳсулот ва хизматрасонӣ", "Дар бораи нақлёт", Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шудааст.

3.4. Салоҳияти озмоишгоҳҳои (марказҳои) санҷишӣ, бо эътирофкунии онҳо дар Системаи мазкур тасдиқ карда мешавад,

3.5. Система гузаронидани сертификатсияи ҳатмии объектҳои соҳаи нақлиётро дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд.

3.6. Дар Системаи сертификатсия сертификатсияи объектҳои ватанӣ ва хориҷии комилекси нақлиёт мувофиқи номгӯй ва қоидаҳое, ки дар ин система мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сертификатсияи маҳсулот ва хизматрасонӣ", "Дар бораи нақлиёт", Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва меъёрию техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд, гузаронида мешавад.

3.7. Сертификатсияи ҳатмии объектҳои комплекси нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматрасонӣ ҳисобида мешавад ва пулакӣ мебошад.

3.8. Корҳо оид ба сертификатсия ва эътирофкунӣ дар Система мутобиқи манбаи ҳуҷҷатҳои меъёрии Системаи сертификатсия гузаронида мешаванд.

3.9. Ҳамкории Системаи сертификатсия бо дигар системаҳои сертификатсия, дар асоси санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешанад.

3.10. Системаи сертификатсия метавонад бо Системаи сертификатсияи соҳаи нақлиёти байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллии дигар давлатҳо оиди масъалаҳои тасдиқи мутобиқат, бо дарназардошти эътирофи сертификатҳо, аломатҳои мутобиқат ва протоколҳои санҷиш ҳамкорӣ намояд.

## IV. Максад ва қонуниятҳои асосии Системаи сертификатсияи маҳсулот, кор ва хизматрасониҳои соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон

4.1. Мақсадҳои асосии Системаи сертификатсия инҳо мебошанд:

- тасдиқи мутобиқати объектҳо ба талаботи қонунузории Ҷумҳурии Тоҷикисгон ва санадҳои меъёрӣ оид ба таъмини бехатарии истифодаи нақлиёт;

- ёрмандӣ дар таъмини бехатарии истифодаи воситаи нақлиёт, бехатарӣ барои муҳити зист, ҳаёт, саломатӣ ва моликияти шаҳрвандон;

- муҳайё намудани шароит барои фаъолияти босамар ва бехатарии соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикисгон;

- ҳимояи истеъмолкунандагон аз таъминкунандагони хизматрасониҳои пастсифати нақлиёти;

- ёрмандӣ ба шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, ки ҳамлу нақлро дар бозори хизматрасониҳои нақлиёти таъмин менамоянд ва ба амал мебароранд, иштироки босамар дар ҳамкории байналмилалии иқтисодӣ ва илмию техникӣ;



- муҳайё намудани шароит барои эътирофи ҳамдигарии натиҷаҳои сертификатсия дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ.

4.2. Системаи сертификатсия ба қонуниятҳои асосии зерин такя менамояд:

- агар шартномаҳои (созишиомаҳои) байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар қоидаҳоро муқаррар намояд, назар ба он ки дар ҳуҷҷатҳои Системаи сертификатсия мавҷуданд, дар ин ҳолат қоидаҳои шартномаҳои (созишномаҳои) байналмилалӣ қабул карда мешаванд;

- баҳодиҳии мутобиқати объектҳои комплекси нақлиёт ба талаботи меъёрӣ дар асоси ташкили корҳо ва санҷиши фаъолияти экспертҳои маркази сертификатсияи гуруҳи объектҳои ҳаммонанд таъмин карда мешавад;

- системаи сертификатсия дар комплекси нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикисгон ба истеъмолкунандагон (аризадиҳандагон), истеҳсолкунандагон (таъминкунандагон, иҷрокунаидагон), мақомоти сертификатсия, марказҳои сертификатсия, озмоишгоҳҳои (марказҳои) санҷишӣ, аз ҷумла дигар ташкилоти ҳавасманд дар бораи қоидаҳо ва натиҷаҳои сертификатсия ва эътирофкунӣ, дар бораи иштирокчиёни сертификатсия маълумот медиҳанд;

- забони расмии Системаи сертификатсия забони тоҷикӣ мебошад, ба истисноси сертификатсияи объектҳо, кор ва хизматрасониҳое, ки бо ҳамлу нақли байналмилалӣ алоқаманд мебошад;

- дар Системаи сертификатсия сертификатҳо, шаходатномаҳо, эътирофкунии объектҳо, ки бо ҳамлу нақли байналмилалӣ алоқаманданд, ба аризадиҳанда бо забони русӣ(англисӣ) дода мешавад;

- Дар Системаи сертификатсия ҳангоми сертификатсия намудан талаботи паҳн накардани маълумоте, ки сирри давлатӣ ё тиҷоратиро дорад, бояд риоя карда шанад.

## V. Сохтори Системаи сертификатсияи маҳсулот, кор ва хизматрасониҳои соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон

5.1. Сохтори ташкилии Системаи сертификатсия:

- Мақомоти миллӣ - Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикисгон (Тоҷикстандарт);

- Мақомоти марказӣ - Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Мақомоти роҳбарикунанда - Сарраёсатҳои Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикисгон;

- Мақомоти методӣ - Пажуҳишгоҳи илмию тадқиқотии "Нақлиёт";

- Мақомоти назоратӣ - Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт;

- Маркази сертификатсияи кор ва хизматрасониҳои соҳаи нақлиёт"

- мақомоти сертификатсияи маҳсулоти ҳаммонанд;

- озмоиштоҳҳои (марказҳои) санҷишии эътирофкардашуда;

- экспертҳои аттестатсияшуда дар соҳаи сертификатсияи объектҳо оидра соҳаҳои нақлиёт;

- аризадиҳандагон.

5.2. Номгӯи мушаххаси иштирокчиёни Системаи сертификатсияи кор . ва хизматрасониҳои соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи номгӯи объектҳое, ки сертификатсияи онҳо ҳатмӣ мебошад, муайян карда мешавад.

5.3. Системаи сертификатсияи объектҳои комплекси нақлиётро аз рӯи намуди нақлиёт Сарраёсатҳои Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарӣ менамоянд, ки дар Низомномаи мазкур Мақомоти роҳбарнкунандаи Системаи сертификатсия аз рӯи намуди нақлиёт номида мешаванд,

Роҳбари мақомоти роҳбарикунандаи Системаи сертификатсия аз рӯи намуди нақлиёт сардори Сарраёсати Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Вазифаҳои асосии мақомоти роҳбарикунандаи Системаи сертификатсия аз рӯи намуди нақлиёт:

- ташкил ва мутобиқати корҳо дар Системаи сертификатсия аз рӯи намуди нақлиёт;

- муқаррар намудани қонуниятҳо ва қоидаҳои асосии раванди сертификатсия дар Система мувофиқи намуди нақлиёт;

- дида баромадани шикояти аризадиҳандагон оид ба амалиёти мақомоти сертификатсия, марказ, озмоишгоҳҳои санҷишии сертификатсионие, ки дар Система иштирок мемамоянд;

- ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ ва хориҷӣ оид ба масъалаҳои сертификатсия дар соҳаи нақлиёт;

- ташаккули манбаи маълумот ва таъмини иттилоотии Системаи сертификатсия аз рӯи намуди нақлиёт.

5.4. Масъалаҳои ҷанҷолӣ ва баҳсталаб дар соҳаи сертификатсияи корҳо ва хизматрасониҳои соҳаи нақлиёт ба воситаи Шӯрои шикоятии Мақомоти роҳбарикунандаи Системаи сертификатсия аз рӯи намуди нақлиёт ҳал карда мешаванд, агар дигар роҳҳои ҳалли онҳо дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда нашуда бошанд,

5.5. Озмоишгоҳҳои (марказҳои) санҷишии сертификатсионӣ дар Системаи сертификатсия аз рӯи намуди нақлиёт мутобиқи қоидаҳои муқарраргардида эътироф карда мешаванд.

5.6. Уҳдадорӣ барои ташкили фаъолият ва вазифаронии мақомоти Системаи сертификатсия, озмоишгоҳҳои (марказҳои) санҷишии сертификатсионӣ ба роҳбарони мақомот, озмоишгоҳҳо ва марказҳои дахлдор вогузор карда мешавад.

5.7. Дар чорчӯбаи Системаи сертификатсия аз рӯи намуди нақлиёт омода намудани мутахассисон (экспертҳо) дар соҳаи сертификатсия амалӣ карда, мешавад.



## VI. Тақсими уҳдадориҳо байни иштирокчиёни Системаи сертификатсияи маҳсулот, кор ва хизматрасониҳои соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Системаи сертификатсия тақсимоти зерини ӯҳдадориҳоро байни иштирокчиёни Системаи мазкур пешбинӣ менамояд:

а) ?ҳдадориҳо ва вазифаҳои Мақомоти миллӣ ва марказӣ оид ба сертификатсияи маҳсулот ва хизматрасониҳо, ки бо қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сертификатсия муайян карда шудаанд;

б) Сарраёсат аз рӯи намуди нақлиёти Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳоро оиди ташаккули Системаи сертификатсия, мутобиқати фаъолияти Марказӣ сертификатсияи маҳсулот, кор ва хизматрасониҳо, озмоишгоҳҳои (марказҳои) санҷишии сертификатсионӣ, таҳияи пешниҳодот оид ба номгӯи объектҳои сертификатсия дар соҳаи нақлиёт, ташкили ташаккул ва идораи фонди ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва талаботи техникӣ, дида баромадани шикоятҳоро ташкил менамояд;

в) Маркази сертификатсияи маҳсулот, кор на хизматрасониҳои соҳаи нақлиёт:

- қабули дархостҳоро барои сертификатсия намудан амалӣ мемамояд;

- дархостҳоро ба озмоишгоҳҳо, марказҳои санҷишӣ мутобиқи эътирофкунии онҳо ҷудо менамояд;

- ҳаммонандии объектҳо ва додани сертификати мутобиқати объектҳоро дар асоси хулосаи озмоишгоҳҳои (марказҳои) санҷишии сертификатсионӣ а м а л й менамояд;

- эътирофкунии озмоишгоҳҳои санҷишии сертификатсиониро якҷоя бо хадамоти Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (Тоҷикстандарт) мегузаронад;

- ба озмоишгоҳҳи (маркази) санҷишӣ барои гузаронидани баҳодиҳии мутобиқат тибқи тартиби муқарраргардида супориш медиҳад;

- санҷиши нозиротиро барои объектҳои сертификатсияшуда амалӣ менамояд;

- фаъолияти сертификати аз тарафи ӯ додашударо боздошт ё ки қатъ-(бекор) менамояд;

- фонди ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки баром сертификатсия заруранд, фаъол менамояд ва ташаккул медиҳад;

- ба аризадиҳанда аз рӯи талаби ӯ маълумоти лозимаро дар бораи салоҳияти худ пешниҳод менамояд.

г) Истеҳсолкунандаи воситаи нақлиёт, қисмҳои эҳтиётии онҳо, воситаҳои таҷҳизонидани технологии корхонаҳои нақлиёти барои мутобиқати мол ҳангоми истеҳсол намудани онҳо ба талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид

ба бехатарӣ, ки ҳангоми сертификатсиякунӣ ва дуруст истифода намудани аломати мутобиқат тасдиқ мегарданд, ҷавобгариро ба ӯҳда дорад;

д) Истифодабарандагони воситаҳои нақлиёт барои истифодаи воситаи нақлиёт мутобиқи талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва меъёрию техникӣ ва барои таъмини шароит барои гузаронидани сертификатсия ҷавобгар мебошанд;

е) Шахсони ҳуқуқии хизматрасонии воситаҳои нақлиёт барои мутобиқати хизматрасониҳои пешниҳодгардида ба талаботи техникӣ (дастурамалҳо) оид ба бехатарӣ, ки ҳангоми сертификатсия ва таъмини шароитҳои гузаронидани сертификатсия тасдиқ мегарданд, ҷавобгар мебошанд;

ё) Озмоишгоҳи (маркази) санҷишӣ барои дуруст ва пурра гузаронидани санҷиши сертификатсионӣ мутобиқи талаботи муқаррарнамудаи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, барои натиҷаҳои беӯаразона ва дурусти санҷиш ҷавобгар мебошанд;

ж) Аризадиҳандагон (дорандагони сертификат) вазифадоранд:

- хизмат расонидан, иҷро намудани корҳоро танҳо ҳангоми мавҷудияти сертификат, ки аз тарафи мақомоти ваколатдор дода шудааст, ё ки эътироф гардидааст, амалӣ намоянд;

- мутобиқати объектҳои сертификатсияшудаpo ба талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, ки мутобиқи он сертификатсия шуда буд ва тамғагузории аломати онро мутобиқи тартиби муқаррраргардида таъмин намоянд;

- дар ҳуҷҷатҳои техникии ҳамроҳикунанда маълумотро дар бораи сертификат ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ нишон диҳанд;

- пешниҳоди кору хизматрасониҳоро боздошт ё қатъ намоянд, агар объект ба талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки тибқи онҳо сертификатсия шудааст, ҷавобгӯ набошад ва ё муҳлати амали сертификат тамом шуда бошад;

- бечунучаро иҷро намудани ваколатҳои худи шахсони хизматии мақомотҳое, ки сертификатсияи ҳатмии объектҳо ва назорати объектҳои сертификатсияшударо дар асоси санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ амалӣ менамоянд, таъмин намоянд;

- мақомоти сертификатсияро дар бораи тағйироте, ки дар ҳуҷҷатҳои техникии объекти сертификатсия ворид карда шудаанд, хабардор намоянд.

## VII. Тартиби гузаронидани сертификатсияи кор ва хизматрасоиҳои соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон

7.1 .Сертификатсияи ҳатмӣ дар Системаи сертификатсия аз рӯи қоидаҳои дахлдори сертификатсияи ҳаммонанди объектҳои комплекси нақлиёт, ки дар Системаи мазкур муқаррар гардидаанд, гузаронила мешавад,

7.2, Корҳои сертификатсиякунонӣ марҳилаҳои асосии зеринро дарбар мегиранд;



- додани дархост барои сертификатсия;

- дида баромадан ва қабули қарор аз рӯи дархост;

- гузаронидани тафтиши зарурӣ (таҳлили ҳуҷҷатҳо, озмоиш, тафтиши иҷроиш ва ғ.);

- додани сертификати мутобиқат;

- санҷиши нозиротии объектҳои сертификатсияшуда;

- назорати нозиротии технологияи иҷроиши корҳо дар Система.

7.3. Аризадиҳанда метавонад шахси ҳуқуқӣ ё инфиродӣ, ки истеҳсолкунандаи (фурӯшандаи) маҳсулот, иҷрокунанадаи корҳо ва хизматрасониҳо мебошад, инчунин мақомоти вазорати давлатии объектҳои комплекси нақлиёт бошад.

7.4. Аризадиҳанда метавонад дархости худро дар мақомоти дилхоҳи Система диҳад, ба шарте, ки объектҳои дархостшаванда ба соҳаи эътирофи мақомоти сертификатсияи мазкур ворид шуда бошанд,.

7.5. Нақшаи сертификатсияи кор ва хизматрасонии соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистои дар Қоидаҳои сертификатсияи объектҳои ҳаммонанди комплекси нақлиёт бо дарназардошти хислати хоси иҷроиш ва истифодаи онҳо, мавҷудияти далелҳои пешниҳоднамудаи аризадиҳанда мутобиқи талаботи Система муқаррар карда мешавад.

7.6. Ба сертификатсия объектҳои комплекси нақлиёт, ки барои истифода аз рӯи таъинот коршоямаңд ва тамғагузории зарурӣ ва ҳуҷҷатҳои техникиро мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон доранд, роҳ дода мешаванд.

7.7. Ҳангоми мусбӣ будани натиҷаҳои сертификатсия мақомоти сертификатсия ба аризадиҳанда сертификати мутобиқат медиҳад, Муҳлати амали сертификати мутобиқат барои объектҳои комплекси нақлиёт бо Қоидаҳои Система муқаррар карда мешавад. Муҳлати амали сертификатро, дар асоси Қоидаҳои Система ва тартиботе, ки дар он муайян карда шудааст, дароз намудан мумкин аст.

7.8. Ҳангоми манфӣ будаии натиҷаҳои сертификатсияи кор ва хизматрасонии соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистои мақомоти сертификатсия ба аризадиҳанда қарорро дар бораи инкори додани сертификати мутобиқат медиҳад.

## VIII. Назорати нозиротӣ ва санҷиш дар Системаи сертификатсияи маҳсулот, кор ва хизматрасониҳои соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон

8.1. Назорати нозиротии технологияи иҷроиши корҳо дар Системаи сертификатсия ба Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт дар доираи ваколати он вогузор карда мешавад.

8.2. Санҷиши нозиротии объектҳои сертификатсияшудаи комплекси нақлиётӣ бо иштироки мақомоти сертификатсиякунонӣ амалӣ карда ме-

шавад, Ҳангоми зарурият ба кори санҷиши нозиротӣ намояндатони озмоишҳҳои (марказҳои) сертификатсионӣ ҷалб карда мешаванд.

8.3. Дар ҳолати қатъ гардидани фаъолияти мақомоти сертификатсия, ки сертификати мутобиқатро додааст, ҳалли масъала оид ба таъиноти мақомоти дигари сертификатсия барои гузаронидани ташхиси техникӣ аз тарафи мақомоти роҳбарикунандаи Система амалӣ карда мешавад.

8.4. Натиҷаҳои ташхиси техникӣ бо санад ба расмият даровардa шуда дар 3 (се) нусхаи аслӣ тартиб дода мешаванд, ки як нусхагӣ дар дасти мақомоти сертификатсия, фурӯшанда ва иҷрокунандаи кор ва хизматрасониҳо нигоҳ дошта мешаванд.

8.5. Қоидаҳои санҷиши нозиротии объектҳои сертификатсияшудаи комплекси нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қоидаҳои сертификатсияи объектҳои ҳаммонанди комплекси нақлиёт аниқ, карда мешаванд,

8.6. Санҷиши нозротӣ дар асоси ариза оид ба рафтори зерсохтори Система аз тарафи комиссияе, ки бо қарори Мақомоти роҳбарикунандаи Система таъин гардидааст, гузаронида мешавад. Комиссия санҷишро мутобиқи барномае, ки Мақомоти роҳбарикунандаи сертификатсия тасдиқ намудааст, мегузаронад. Натиҷаҳои санҷиш бо санад (протокол) ба расмият даровардa меша вад.

## IX Тартиби боздошт ё қатъ намудани сертификат мутобиқат

9,1. Макомоти сертификатсия метавонад амали сертификатро дар ҳолатҳои зерин боздошт ё қатъ намояд:

- аз рӯи натиҷаҳои назорати нозиротӣ ҳангоми ошкор намудани номутобиқии объектҳои комплекси нақлиёт ба талаботи муқарраргардида;
- дар сурати рад намудани таъминкунанда ё иҷрокунандаи хизматрасониҳо аз гузаронидани назорати нозиротӣ;
- ҳангоми тағйироти ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, ки талаботро нисбат ба объектҳои комплекси нақлиётӣ, ё усули санҷишҳо (озмоишҳо) муқаррар менамояд;
- ҳангоми вайрон намудани шартҳои истифода намудани аломати мутобиқат;
- бо дарназардошти хоҳиши таъминкунанда ё иҷрокунандаи кор ва хизматрасониҳо.

9.2, Қарор оид ба боздошти сертификати мутобиқат дар ҳолате қабул карда мешавад, ки агар дар мӯҳлати ҷудошуда, иҷрокунанда бо роҳи андешидани чорабиниҳои таҳририи бо мақомоти сертификатсия мувофиқашуда, имконияти бартараф намудани сабабҳои номувофиқатиро дорад. Дар акси ҳол сертификати мутобиқат бекор дониста мешавад,

9.3, Қарор дар бораи боздошт ё қатъ намудани сертификати мутобиқат дар се нусха ба расмият даровардa шуда, ду нусхаи он дар мақомоти



роҳбарикунанда ва мақомоти сертификатсия нигоҳ дошта мешавад, нусхаи сеюми он бошад ба таъминкунанда, иҷрокунандаи хизматрасонӣ дода мешавад, Оид ба қарори қабулшуда мақомоти сертификатсия ҳамаи иштирокчиёни манфиатдори сертификатсияро хабардор менамоянд.

9.4, Баъди иҷроиши чорабиниҳои таҳририӣ ва мусбӣ баҳогузорӣ гардидани натиҷаҳои он (санҷиш, назорат), мақомоти сертификатсия барои аз нав ба амал баровардани сертификати мутобиқат қарор қабул намуда, дар ин бора ба иштирокчиёни сертификатсиякунонӣ маълумот медиҳад,

Қарор дар бораи аз нав ба амал баровардани сертификати мутобиқат дар се нусха ба расмият даровардa шуда, ду нусхааш дар мақомоти роҳбарикунанда ва мақомоти сертификатсиякунонӣ нигоҳ дошта мешавад, нусхаи сеюми он бошад ба таъминкунанда ё иҷрокунандаи хизматрасониҳо дода мешавад.

Дар ҳолати иҷро нагардидани чорабиниҳои таҳририӣ ё бесамарии онҳо мақомоти сертификатсия амали сертификати мутобиқатро қатъ менамояд ва дар ин бора ба иштирокчиёни манфиатдори сертификатсиякунонӣ маълумот медиҳад.

## X. Шикоятҳо

10.1. Дар сурати норозигии аризадиҳанда бо натиҷаҳои сертификатсия ё назорати нозиротӣ ӯ метавонад ба Мақомоти роҳбарикунандаи сертификатсия бо аризаи шикоятӣ муроҷиат намояд.

10,2. Дар сурати норозигии аризадиҳанда бо қарори аз рӯи аризаи шикоятӣ баровардашуда, ӯ метавонад ба суди арбитражи мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намояд.

## XI. Маблағгузорӣ

11.1. Арзиши гузаронидани корҳо дар Системаи сертификатсияи объектҳои комплекси нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи ҳаҷми меҳнатталабии иҷроиши корҳо оид ба сертификатсияи маҳсулот, кор на хизматрасониҳо дар асоси принсипҳои ҷуброни хароҷот ва гирифтани фоидаи меъёрӣ муайян карда мешавад.

*Бо фармоиши Вазири нақлиёт ва*
*коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*№ 84 аз "26" июли 2011*
*тасдиқ шудааст*

# НИЗОМНОМА

## ОИД БА СЕРТИФИКАТИ БАРКАШИИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ АВТОМОБИЛИИ БОРКАШ, КИ ДАР ҚАЛАМРАВИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ИНТИҚОЛИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА МАҲАЛЛИРО АНҶОМ МЕДИҲАНД

### 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Низомнома оид ба сертификати баркашии воситаҳои нақлиёти автомобилии боркаш, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқоли байналмилалӣ ва маҳаллиро анҷом медиҳанд (минбаъд - Низомнома) мутобиқи талаботҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2006 №779 "Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои аз роҳҳои автомобилгард гузаштани воситаҳои нақлиёт бо вазн ва андозаҳое, ки аз меъёрҳои муқарраршуда зиёданд" ва аз 3 марта соли 2007 №107 "Дар бораи Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт", инчунин Созишнома "Оид ба чорӣ намудани сертификати байналмилалии баркашии воситаҳои нақлиётборкаш дар қаламрави Иттиходи Давлатҳои Мустакил" (аз 16 апрели соли 2004 ш. Чолпон-Ата) таҳия гардидааст.

1.2. Мақсади Низомномаи мазкур аз амалӣ намудани назорати вазн ва андозаҳои воситаҳои нақлиёти автомобилии боркаш ҷиҳати риояи меъёрҳои мукарраршуда, роҳ надодан ба баркашиии бисёркарата дар нуқтаҳои назорати, фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои тезонидани интиқоли борҳо, ки таввасути воситаҳои нақлиёти автомобилӣ дар роҳҳои автомобилгарди Ҷумҳурии Тоҷикистон кашонида мешаванд.

1.3. Низомнома тартиби до дани сертификата баркашии воситаҳои нақлиёти автомобилӣ, ситонидани маблағ барои гузаронидани воситаҳои нақлиёт аз роҳҳои автомобилгард барои вазн. сарборӣ ба меҳвар, андозаҳои воситаҳои нақлиёт, ки аз меъёрҳои муқарраршуда зиёданд, ки дар гузаргоҳҳои назди сарҳадии воситаҳои нақлиёти автомобилӣ ва дидбонгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом до да мешавад, муқаррар менамояд.



1.4. Дар Низомномаи мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **интиқоли байналмилалии борҳо** - интиқоли борҳо тавассути воситаҳои нақлиёт бо убури сарҳади Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла интиқоли транзитӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- **воситаи нақлиёт** - воситаҳои нақлиёти автомобилии дорои муҳаррики механикӣ, ки барои интиқоли борҳо бо ядак (нимядак) ё бидуни он таъин гардидаанд;
- **оператор** - шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ, ки интиқоли борҳоро тавассути нақлиёти автомобилӣ дар асоси тиҷорат ё барои таъмини эҳтиёҷоти худ анҷом медиҳад;'
- **истгоҳи баркашӣ** - нуқтаи анҷомдиҳандаи назорати вазн ва андозаҳои воситаҳои нақлиёт, ки дар гузаргоҳҳои назди сарҳади давлатӣ, дидбонгоҳҳои доимоамалкунанда ва сайёр, даромадгоҳи шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад ва бо таҷҳзотҳои зарурӣ барои баркашии вазни воситаи нақлиёт ҷиҳозонида шудааст.
- **мақомоти назоратӣ** - мақомоти ваколатдоре, ки назорати вазн ва андозаҳои воситаҳои нақлиётро дар рафти анҷоми интиқоли байналмилалӣ ва маҳаллӣ амалӣ менамояд;
- **сертификат баркашии воситаи нақлиёт (минбаъд - сертификат баркашӣ)**- ҳуҷҷати дороӣ маълумотҳои
- дақиқ оид ба меъёрҳои муқарраршудаи вазни воситаи нақлиёт, ки дар истгоҳи баркашӣ, аз ҷониби мақомоти ваколатдор дода мешавад;

-**ҳолати истисноӣ** - зарурати баркашии воситаи нақлиёт, ки бинобар сабабҳои зерин ба миён омадааст:

- **нишондиҳандаҳои вазнине, ки дар сертификати баркашӣ ва ҳуҷҷатҳои нақлиётӣ** -борӣ (борхати нақлиётӣ ва шаҳодатномаи бақайдгирии воситаи нақлиёт) мутобиқ нестанд;
- ҳангоми боркунии иловагӣ, қисман холӣ кардани бор ё гузаронидани бор ба воситаи нақлиёти дигар, инчунин ҳангоми супурдани бор ба низоми дигари гумрукӣ дар давоми интиқоли баъди барасмиятдарории сертификати баркашӣ;

-мутобиқ накардани маълумотҳо дар сертифиқати баркашӣ (банди 3) ва маълумот оид ба воситаи нақлиёт (тамғаи воситаи нақлиёт ва рақами давлатӣ);

-баркашии назоратӣ - баркашии воситаи нақлиёт ҳангоми ҳолати истисноӣ.

### 2. Тартиби додани сертификати баркашӣ

2.1. Сертификати баркашӣ ба воситаи нақлиёт дар истгоҳи аввали баркашӣ мутобиқи самти ҳаракат ҳангоми интиқол дода мешавад ва то охири хати сайр амал мекунад.

2.2. Истгоҳи баркашӣ дар ҳолатҳои зерин сертификати баркашӣ медиҳад: